**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ибтидои солҳои навадуми асри гузашта ҳам бар зидди ин гуна ҷиноятҳо ва ҳам бар зидди ифротгароии мазҳабӣ, ки дар ин давра ҳамлаи ҷиноятҳои муташаккили фаромиллиро аз сар гузаронидаанд, фаъолона мубориза мебурд. Асосан тахрибкорӣ яке аз хатарноктарин ҷиноятҳои замони мост, ки аксар вақтҳо на танҳо хусусияти миллӣ, балки фаромиллӣ низ дорад. Имрӯз мубориза бо тахрибкорӣ вазифаи асосии ҳар як шахси мутамаддин аст. КҶ ҶТ ба мафҳуми "тахрибкорӣ"-ро баҳои ҳуқуқӣ медиҳад. Дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ "тахрибкорӣ ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят пешбинӣ шудааст.

Ҳифзи сохти конститутсионии ҶТ яке аз вазифаҳои асосии КҶ ҶТ мебошад, зеро дар м. 2 КҶ ҶТ зикр гардидааст, ки дар баробари ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ аз таҷовузи ҷиноятӣ вазифаи КҶ ҶТ мебошад. Ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат яке аз вазифаҳои асосии қонуни ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ дониста шудааст. КҶ ҶТ дар боби 29 ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат пешбинӣ намудааст. Дар он тахрибкорӣ ҳамчун ҷиноятҳои давлатӣ эътироф шудааст.

Дар КҶ ҶТ соли 1998 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар м. 309 пешбинӣ гардидааст, ки он дар боби 29 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат» ҷойгир гардидааст. Моддаи 309 КҶ ҶТ аз 2 қисм иборат буда, дар он ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ бо мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Таҳлили ҳуқуқии "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар замони имрӯза яке азмавзӯҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Зеро Пешвои миллат доимо таъкид менамоянд, ки "Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои кебирӣ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем (аз Паёми Пешвои миллат аз 26.01.2021).

Таҳлили автореферат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки муаллиф дар доираи ду боб ва шаш зербоб ҷинояти тахрибкориро вобаста ба масъалаҳои таърихи ташаккул, таҳлили муқоисавӣ ҳуқуқӣ, нишонаҳои объективӣ ва субъективӣ ва фарқияти он аз терроризм баррасӣ намудааст.

Таҳлили авторефрати диссертатсия шаҳодати он аст, ки он таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории самти ҳифзи ҳуқуқии амнияти давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ (ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ) аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Ба монандӣ:

1. Дар сатҳи диссертатсия муаллиф ба кам кардани синну соли субъекти ҷиноят аҳамият надодааст. Зеро агар тахрибкорӣ як намуди махсуси терроризм бошад, пас чаро субъекти он низ бамонанди терроризм аз 14 солагӣ оғоз намеёбад. Чунин таҷриба чи тавре, ки худи муаллиф навиштааст дар Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Қазоқистон ва Қирғизистон дида мешавад. Фикри муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

2. Муаллиф дар саҳифаи 18 чунин менависад: “Нишон додани «содир кардани кирдорҳои дигар» маънои онро дорад, ки рӯйхати амалҳои тахрибкорона кушода мебошад, яъне баҳододашаванда ва ҳар амале, ки бо мақсади дар м. 309 КҶ ҶТ нишондодашуда содир мешавад ва предмети ҷинояти тахрибкориро дар бар мегирад, бояд ин амал бо моддаи 309 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад”. Ба ақидаи мо чунин нуктаи назар баҳснок мебошад, зеро дар натиҷаи чунин маънидодкунӣ эҳтимолияти бандубасти нодурусти ҷиноят ҷой доштанаш мумкин аст. Пешниҳоди мазкур асосноккунии иловагиро талаб мекунад.

Албатта, камбудиҳои болозикрш ба сифати таҳқиқоти илмӣ таъсири манфӣ намеравонанд ва хусусияти тавиявиро доро мебошанд.

Омӯзиши матни пурраи автореферат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонова Афзуна Азимбоевна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ такмил ёбад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миаралиев С.А.

Имзои Миаралиев С.А. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,Тел.: (+992 237) 234-88-02. E-mail: miraliev31@gmail.com